## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2024. – 181 с.**

Адабиёти охири даврони шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз ҷумлаи давраҳои пурғановати таърихи адабиёти тоҷик буда, дар ин марҳилаҳои муҳимми таърихӣ дар адабиёт ва хусусан, дар шеър таҳаввулоти шаклию мундариҷавӣ ва ҳунарию бадеӣ ба амал омадааст. Намунаҳои барҷастаи чунин таҳаввулотро дар мисоли ашъори Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсори Сафӣ, Гулназар Келдӣ, Низом Қосим, Камол Насрулло, Фарзонаи Хуҷандӣ, Рустам Ваҳҳобзода ва дигарон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Омӯзишу пажӯҳиши зиндагиномаю фаъолияти эҷодӣ ва таъйини нақши чунин чеҳраҳои адабӣ дар рушду такомули шеъри тоҷикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон худ аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ менамояд.

Агар ба пешинаи таҳқиқи мавзуъ мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки то ин замон муҳаққиқони адабиёти тоҷик асосан зимни таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт ва баррасии равандҳои ташаккулу таҳаввули шеър дар замони Истиқлол ба осори адабии Низом Қосим ишораҳо карда, мутаассифона, масоили марбут ба рӯзгору осори адиб, анъанаю навоварӣ ва вежагиҳои ғоявию бадеии ашъори иҷтимоии шоир бевосита баррасӣ нагардидааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «Тараннуми сулҳу ваҳдат, ашъори ватандӯстона, муқаддасоти давлатӣ, тасвири образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, симои ашхоси маъруф дар шеър, падидаҳои эҷодӣ дар мисоли ашъори яке аз шоирони пешқадам ва ватандӯст – Низом Қосим дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон дорои аҳаммияти вижа мебошад» (диссертатсия, с. 4-5).

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори шоирон ва масоили марбут ба мавзую муҳтаво, забону сабки баён, анъанаю навоварӣ ва мухтассоти ғоявию бадеии ашъори онҳо иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили

пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **6D020501 – Адабиёти тоҷик** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва ҷанбаҳои ғоявии бадеии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав, навгониҳои падидомада дар ин самт ва сохтору муҳтавои ашъори иҷтимоии шоир таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи ашъори Низом Қосим аз нигоҳи мавзую муҳтаво, анъанаю навоварӣ, хусусиятҳои сохторию бадеӣ ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар самтҳои фаъолияти эҷодии Низом Қосимро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии шоирону драматургони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар адабиёти давраи нави тоҷик, таъини мавзую мундариҷа ва сохти шеъри тоҷикӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба пайдоиши шаклҳои нави шеърӣ ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Наврӯззода Доро барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 8 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору ҳунари шоирии Низом Қосим ва таъини нақши ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби

таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол»** аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим»** ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххас манзур гардида, замони таврид, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодӣ, омилҳои ташаккули ҳунари эҷодии Низом Қосим баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, маҷмуаи ашъор, мақолаю очеркҳо, афкори адабӣ-танқидӣ, фаъолияти тарҷумонӣ, осори драмавию публитсистии адиб ба таври муназзам зикр гардидаанд. Аз муҳтавои ин фасл маълум мешавад, ки Низом Қосим адиби пурмаҳсул ва фаъолияти адабии ӯ гуногунҷабҳа аст. Агар дар доираи ин фасл самтҳои фаъолияти эҷодии Низом Қосим дар зерфаслҳо нишон дода мешуданд, ба мақсад мувофиқ буд.

Пешинаи таҳқиқи мавзуъ ва назари муҳаққиқону ҳампешагон ба шахсият ва эҷодиёти Низом Қосим муҳтавои асосии **фасли дуюми боби аввалро** ташкил медиҳанд. Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва фасли дуюми боби аввал маълум мешавад, ки рӯзгору пайроҳаи эҷодӣ ва ҳунари шоирии Низом Қосим асосан дар қолаби қайду хотира ва мақолаю тақризҳо баррасӣ гардидааст. Дар тақвияти андеша диссертант аз хотирот, тақризу мақола ва ишораҳои Юсуф Акбарзода, Алиасғари Шеърдӯст, Рустам Ваҳҳобзода, Камол Насрулло, Шералӣ Мӯсо, Солеҳ Қосимзода ва Салими Зарафшонфар ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ин, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осор ва фаъолияти шоирии Низом Қосим халое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил мегардонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим»** унвон дорад, ба пажӯҳиши мавзуъ ва муҳтавои ашъори сиёсию иҷтимоии шоир пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фасл тарҳрезишударо дар чаҳор фасл баррасӣ намояд. Бозоби бадеии масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар ашъори Низом Қосим дар **фасли аввали ин боб** таҳқиқ гардида, диссертант нақши шоирро дар ҳар кадоме аз ин самтҳо назаррас меҳисобад. Дуруст аст, ки ашъори ба ин мавзуъҳо бахшидаи шоир худшиносии миллии хонандаро тақвият бахшида, арҷгузории шоирро ба зодгоҳ ва марзу буми ниёгон собит

намуда, нисбат ба дарду доғ ва ниёзҳои ҷомеа бетараф набудани ӯро собит мекунанд.

Наврӯззода Доро камтар ба назар расидани ашъори сиёсӣ ва байналмилалиро яке аз норасоиҳои шеъри замони Истиқлол дониста, эҳёи дигарбораи онро, ки ба эҷодиёти Низом Қосим низ хос аст, падидаи назаррас дониста, ба ҳукми далел «Ғазали Фаластин»-и шоирро таҳлил кардааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби мазкур, ки **«Баррасии мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодии шоир ба онҳо»** унвон дорад, оҳангҳои танқидӣ, ошкорсозии заъфу иллатҳои ҷомеаро дар шеъри Низом Қосим ҷустуҷӯ намуда, бо шавоҳиди шеърӣ чунин масоили муҳимро матраҳ кардааст.

Бо пажӯҳиши ашъори марбут ба мушкилоти ҷомеа муаллифи диссертатсия ба ин натиҷа расидааст, ки осори Низом Қосим саропо мушкилоти зиндагиро инъикос намудаанд. Ба ҳукми далел андешаҳои зерини Низом Қосим оварда шудаанд: «ҳунарманд фарзанди замон аст, на фарзанди роҳбарони замон» [диссертатсия, с. 59].

Наврӯззода Доро дар **фасли сеюм**, яъне **«Тарғиби ватандӯстӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ»** доир ба бозтоби бадеии ғояҳои Истиқлоли миллӣ, Ваҳдати миллӣ, таҳкими сулҳу суботи сиёсӣ, инъикоси воқеаи зиндагии омма ва рушди Тоҷикистон дар ашъори Низом Қосим ибрози назар карда, Низом Қосимро чун яке аз саромадон ва устодони ашъори ватандӯстии давраи Истиқлоли давлатӣ муаррифӣ кардааст.

**Фасли чоруми** боби дуюм таҳти унвони **«Образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик»** манзур гардида, ба хусусиятҳои тасвири образи ва корномаҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои дигари дурахшони таърихию фарҳангӣ бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант Низом Қосим дар офариниши образи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақият ноил гардида, ки минбаъд аз тарафи эҷодкорони дигар мавриди истифода ва пайравӣ қарор гирифт. Ба ҳукми далел шеърҳои «Сулҳ овард ӯ…», «Пешвои миллат», «Офтоби Ваҳдат», «Давронсоз», «Қаҳрамони Ваҳдат», «Пешвои ман», «Рӯзи интихоб», «Қаҳрамони Ваҳдат», «Ҳалолат шири модар…», «Меъмори Истиқлол», «Бо Пешвои миллатем!» ва ғайра таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Андешаҳои диссертант оид ба тасвири Қаҳрамонони Тоҷикистон, арбобони ҷамъиятӣ, чеҳраҳои таърихию фарҳангӣ, санъаткорон ва дигар табақоти ҷомеа қобили таваҷҷуҳ буда, ин бахши эҷодиёти шоир ба ду қисм ҷудо шудааст: 1. Зикри хизматҳои ин ва ё он ашхос; 2. Дар асоси тасвири зиндагии чеҳраҳои машҳур ифода гардидани мушкилоти иҷтимоӣ.

**Боби сеюм – «Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ»** аз се фасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ шартан яке аз бобҳои меҳварии рисола метавон номид. Агар дар фасли аввал мансубияти жанрӣ ва сохтори ашъори иҷтимоии шоир баррасӣ шаванд, вижагиҳои ҳунарию бадеии онҳо таҳқиқ ёфтаанд. Дар фасли аввал мавқеи анвои суннатӣ ва ҳам шеъри нав таҳқиқ шуда, андешаҳо ва баҳсҳои пурсуде дар бораи моҳият ва умумияту тафовути онҳо ба назар мерасад.

**Фасли дуюми боби сеюм**, ки **«Вижагиҳои ҳунарии шеъри сиёсию иҷтимоии Низом Қосим»** номгузорӣ шудааст, аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳое мебошанд, ки ба анъана ва навоварӣ тобеият доранд. Аз ин рӯ, аз шарҳи бештари ин масъала худдорӣ карда, танҳо ҳамин нуктаро зикр мекунем, ки балоғату фасоҳати каломи шоир ба корбурди дурусту ҳунармандонаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ низ бевосита алоқаманд мебошанд. Воқеан, ашъори Низом Қосим бадеияти баланд дошта, хусусияти бадеӣ ва забону сабки баёни шоир ниёз ба таҳқиқи густардатар доранд.

Дар ин фасл дар тақвияти фикр мисолҳое манзур гардидаанд, ки аз дониши хуб доштан ва моҳияти каломи ҳунариро шинохта тавонистани диссертант гувоҳӣ медиҳанд. Ба андешаи ӯ, «ашъори Низом Қосим назар ба Лоиқ ва Бозор бештар иҷтимоист на лирикӣ... Таъсири ашъори шоирони дӯстдоштаи Низом Қосим чун Бозор ва Лоиқ дар ӯ зиёд мушоҳида шавад ҳам, ӯ аз он тасвирҳо ва ифодаҳои маъмулии шоирони калонсолро ба таври эҷодӣ истифода бурда, бисёр вақт аз онҳо ҳадафҳои иҷтимоӣ ҷустааст ва ба он маъниҳои дигарро ворид сохтааст» (диссертатсия, с. 131).

Низом Қосим дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум қобилият ва истеъдоди баланд дошта, дар рушди драматургияи замони Истиқлол ҳам саҳми намоён гузоштааст. Диссертант дуруст дарёфтааст, ки манзумаҳо ва осори манзуми саҳнавиии шоир аз ҷиҳати мазмун, асосан, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ мебошанд.

Дар диссертатсия манзумаҳо, баллада, либретто ва драмаҳои манзуми Низом Қосим таҳқиқ гардида, ба ин восита нақши ӯ дар рушди драматургияи замони Истиқлол мушаххас ва таъйин шудааст. Диссертант зарурати баррасии драматургияи Низом Қосимро дар таркиби ин кори таҳқиқӣ бо он асоснок намудааст, ки манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзуми шоир аз ҷиҳати мазмун, асосан, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ мебошанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, фасли аввали боби дуюм – «Корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеър» хусусияти умумӣ дошта, бояд мушаххас мешуд. Фасли аввали боби сеюм бошад, “Жанр ва сохтори ашъори шоир” номгузорӣ шуда, ба унвони умумии боби мазкур, яъне «Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ» мувофиқат намекунад.

2. Дар диссертатсия мавзуъ, муҳтаво, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва тасвиру бозёфтҳои Низом Қосим таҳқиқ гардида, таъини вежагиҳои забону сабки баёни шоир дар ашъори сиёсию иҷтимоии ӯ зарурат дошт. Дар фасли алоҳида матраҳ ва баррасӣ намудани мухтассоти сабкии ашъори иҷтимоии шоир аҳаммияти кори илмиро боз ҳам зиёдтар менамуд.

3. Баллада, либретто ва драмаҳои манзуми Низом Қосим таҳқиқи ҷудогона мехоҳад ва онро наметавон дар доираи як фасл матраҳ кард.

4. Дурӣ ҷустан аз корбурди калимоти мадҳию тавсифӣ, аз ҷумла дасти тавоно (с. 42, 80), шоири маъруф (с. 105, 131), шоири маҳбуб (с. 25) хосси кори илмӣ таҳқиқӣ буда, ҳамчунин, зимни баёни ифодаҳо ва матолиб боэҳтиёт бояд буд. Чунончи: “Дар офариниши калимаҳои нав Низом Қосим маҳорати беназир дорад” (с. 144).

5. Баъзан осори илмии зарурӣ, аз ҷумла «Мусиқии шеър» ва «Растохези калимот»-и Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ аз мадди назари диссертант дур мондаанд. Зимни таҳқиқи масъалаи ҷанбаи мусиқоии осори манзуми Низом Қосим, ки дар саҳифаҳои 120-121, 151 ва 154 баён шудаанд, ҳамчунин, ҳангоми баррасии дигар масъалаҳои меҳварӣ ба чунин назариёти илмӣ такя мешуд, беҳтар буд.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 8, 21, 27, 70, 81, 89, 146, 155) ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
сардори раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантура (PhD)-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимзода С.С.
«30» январи соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимова, бинои 64/8, ҳуҷраи 11
Тел.: (+992) 93-583-76-76
E-mail: soleh_76@mail.ru

Имзои Қосимзода Солеҳ Салимро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Т.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Телефон: (+992-37) 221-50-83; факс: 227-71-00.
Сомонаи расмӣ: www.amit.tj
«30» январи соли 2025.